Усулҳои муғчапайванд дар соҳаи ниҳолпарварӣ васеъ истифода бурда мешавад. Муғчапайвандро (окулировка), баргпайванд ва ғайра низ меноманд. Пӯсти танаи пайвандшавандаро ба монанди ҳарфи Т бо корд бурида, гӯшаҳои онро мувофиқи муғчаи пайвандкунанда бо эҳтиёт ковок намуда, дар болои навдаи пайвандшаванда мебанданд.

НАЙЧАПАЙВАНД

Ғафсии навдаи пайвандкунанда ва пайвандшаванда бояд ба ҳам мувофиқат кунанд, яъне баробар бошанд. Аз ҳамон ҷои ғафсиашон ба ҳамдигар баробар ҳардуяшонро мебуранд, як муғча ва ё ду муғчаи пӯсти пайвандкунандаро монда, пӯсташро найча карда, чӯбашро вайрон накарда мебароред, пӯсти пайвандшавандаро ду ё се қисм чок карда, мувофиқи найчаи тайёршуда мехезонед, аммо намебуред. Найчаро то охири пӯсти хезондагӣ чунон чой кунед, ки пӯсти худаш барин дар пӯсти пайвандшааванда ҷафс шавад.



КУНДАПАЙВАНД

Агар навдаи пайвандкунанда борик бошаду навдаи пайвандшаванда ғафс, он вақт навдаи пайвандкунандаро сетарафа тарошида, аз тарафи берун пӯсташро захм накарда мемонанд. Танаи пайвандшавандаро мувофиқи талаби пайвандгар кӯтоҳ, гирд бурида, аз як тарафи кунда ё аз ду тарафаш кундаро 4-5см мекафонанд. Аз навдаҳои пешаки тарошидаи пайвандгар дар кафҳои кундаи пайвандшаванда тарзе ҷой мекунанд, ки пӯсти онҳо бо ҳамдигар баробар пайваста шаванд. Пас аз ин онҳоро мебанданд. Дар ҳолати набаста лой гузаштан он ба даруни кундаи пайванд дохил

мешаванд, ки яке аз сабабҳои хушк ва сабз нашудани пайванд мегардад. Ин усули пайванд фақат дар фасли баҳор гузаронида мешавад.



ПАЙВАНДИ ЗЕРИ ПӮСТ

Фасли баҳор имконият медиҳад, ки усули пайванди зери пӯст гузаронида шавад. Пӯсти зери буғуми пояи пайвандшавандаро 4-5 см бо кордча чок кунед. Баъд пӯсти дутарафа чоккардагиро аз болои чӯб ковок мекунед, навдаи пайвандкунандаро аз як тарафаш баробари ҷой чок кардагии пӯсти пайвандшаванда уреб метарошед, аз тарафи берун пӯсташро захм накарда, дар дохили пӯсти коваккардагии пайвандшаванда ҷой карда, агар пӯстро нишеб чок карда бошед, канораҳои пӯсти пайвандшавандаро аз болои навдаи пайвандкунанда гардонда, мустаҳкам бо сари буридагии кундаи пайвандшаванда якҷоя бо тасмаи полиэтиленӣ тарзе мебандед, ки ҳавои нам ба дохили пайванд надарояд.



ИНТИХОБИ ДАРАХТОН БАРОИ ПАЙВАНД:

Ҳангоми пайвандкунии дарахтон бояд ниҳолҳои солим аз як оила интихоб карда шаванд.

Синфҳои/оилаи дарахтон	Намуди дарахтони ба якдигар пайвандшаванда
Оилаи донакдорон	Зардолу, шафтолу,олу
Оилаҳои тухмдор	Себ, нок, биҳӣ,

Оилаҳои ситрусиҳо	Лимӯ, мандарин, афлесун
Оилаҳои субтропикӣ	Тут, шоҳтут,
	Бодом (ҳамаи намудҳо)

***

Барои ба даст овардани иттилооти иловагӣ, лутфан ба мутахасисони
Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда» мурочиат намоед:
Садриддин Ҷураев, Мутахассиси рушди боғдорӣ: + 992 93 4483333; sjuraev@tawa.tj
Фарҳод Солиев, Мутахассис оид ба омӯзиш: + 992 93 5550282; fsoliev@tawa.tj

ANNEX E.3 Best Practices of Soil Fertilization

FEED THE FUTURE
ТАШАББУСИ ХУКУМАТИ ИМА ОИД БА БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ГУРУСНАГӢ

Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда»

БЕҲТАРСОЗИИ ҲОСИЛХЕЗИИ ХОК

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Маводи мазкур бо кӯмаки ташаббуси Ҳукумати ИМА “Озуқаворӣ ба хотири оянда” эҷод шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID), мувофиқи муқаррароти Шартномаи No. AID-176-C-15-00004 расонида мешавад. Мазмун ва мундарҷаи ин эҷод маҳсули муаллифон буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

МУҚАДДИМА

Ташкил ёфтани Институти хокшиносӣ дар соли 1951 тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи хокшиносӣ боз ҳам инкишоф ёфта, тадқиқоти илмӣ дар соҳаи мелиоратсия, агрохимия, микробиология ва физикаи механикӣ дар заминҳои обёришавандаи ноҳияҳои Тоҷикистон зиёд гардиданд. Дар тӯли ин солҳо сафи олимону мутахассисони соҳа аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ афзуданд. Тамоми роҳи тайнамудаи хокшиносони тоҷик нишон медиҳад, ки чи гуна онҳо ба кашфиёт ноил гардиданд. Раванди пайдоиши хок, ҳосилхез ва роҳҳои истифодаи босамари онро ошкор сохтанд.

Майдонҳои асосии зироаткориии ҷумҳурияти водиҳои васеи сохили дарёҳо буда дар онҳо бештар аз 90 фоизи заминҳои обии ҷумҳурият вокеъ гаштаанд. Мувофики ба ноҳияҳо тақсим кардани хок (В.Я. Кутеминский ва Р.С. Леонтев) заминҳои кишти обӣ ба минтиқаи заминҳои хокистарранг мансубанд, ки он 18 фоизи тамоми майдони кишти ҷумҳуриро ташкил мекунад. Бештар аз 60 фоизи замин аз ҷиҳати таркиби механикиаш миёна ва андак гилу регдор буда, дар шароити релефи ҳамвори аллювиали (таҳшинии обҳои ҷорӣ) ва пролювиали (таҳшинии оби тез ҷоришавандаи кӯҳ) ҳамвоҳои доманакӯҳҳо ва қисман дар хокҳои зарди наздикӯҳӣ ташашаккул ёфтааст.

ХОКҲОИ ТОҶИКИСТОН

Пайдоиш ва навъҳои хоки Тоҷикистон ба мавқеи ҷуғрофӣ (минтақаи биёбон), релефи кӯҳӣ ва иқлими гарму хушки он алоқаманд аст. Вобаста ба ин омилҳо ва минтақаи амудӣ дар ҳудуди Тоҷикистон чунин навъҳои хокҳоро метавон ҷудо кард: минтақаи ҳамворию пасткӯҳӣ-бештар бо хоки хокистарранг, минтақаҳои миёнакӯҳӣ-бо хоки дорчинии кӯҳӣ, минтақаи баландкӯҳӣ-бо хокҳои марғзории баланкӯҳӣ, даштӣ, биёбонӣ, минтақаи осмонбӯс-бо хоки содда.

Хоки хокистарранг дар Тоҷикистон бисёр аст. Ранги ин хок ба хокистар монанд мебошад ва номаш ҳам аз ҳамин ҷост. Хокҳои хокистарранг дар шароити иқлими хушк ва гарми ҳамвориҳо, доманакӯҳҳо ва пасткӯҳҳои ҷумҳурӣ дар баландиҳои 300-1600 м ташаккул меёбанд. Таркибаш аз 0,8-4,5 фоиз порухок (гумус) иборат буда, ба миқдори зиёд карбогидратҳои ба растани муҳим дорад. Ҳангоми обёрӣ кардан аз ин хок ҳосили баланд рӯёнидан мумкин аст.

Хоки хокистарранг дар ҳар хел мавзеъ ҳар хел мебошад. Вобаста ба баландии маҳал, иқлим ва миқдори порухок хоки хокистарранг се навъ-кушод, муқаррарӣ ва тира мешавад.

Хоки хокистарранги кушод дар ҳамвориҳои доманакӯҳӣ ва нишебии адирҳои паст (дар баландиҳои 300-500 м) дучор шуда, таркибаш аз 1-1,5 фоиз иборат аст. Миқдори карбонатҳо 20 фоизро ташкил медиҳад. Хокҳои хокистарранги кушоди обёришавандаро барои кишти пахта истифода мебаранд. Бештарин қисми мавзеъҳои хокашон хокистарранги кушод чарогоҳи зимистонаи чорво мебошад.

Хоки хокистарранги муқаррарӣ дар ҳамвориҳои доманакӯҳӣ ва адирҳо (баландии 600-900 м) ба назар мерасад. Ин хок зоҳиран аз хокистарранги кушод чандон тафовут надорад. Дар таркибаш 1,5-2 фоиз порухок мавҷуд аст. Асосан барои кишти пахта ва баъзан барои кишти зироати лалмӣ истифода мешавад.

Хоки хокистарранги тира қисми болои минтақаи хоки хокистаррангро ишғол карда, бештар дар суфаҳои баландии дарёҳо, доманакӯҳҳо ва пасткӯҳҳо (дар баландии 900-1600 м) паҳн шудааст. Хоки хокистарранги тира назар ба хокҳои хокистарранги муқаррарӣ ва кушод хеле

ҳосилхез аст. Дар ин хок метавон ҳосили хуби зироати лалмӣ руёнид. Таркибаш 2,5-4% порухок дорад.

УСУЛИ АГРОТЕХНИКӢ
КОРКАРДИ ХОК

Роҳҳои гуногуни коркарди хок ва бисёр олотҳои кишоварзӣ мавҷуданд. Аз нуқтаи назари экологӣ ба тақсим намудани коркарди хок ба ду намуди гуногун таваҷҷӯҳ зохир мекунем: хокгардон, вақте ки қабати хок бурида шуда, қисми болои он ба поён мефарояд; бе хокгардон, вақте ки ҳангоми нармкунӣ (ковоккунӣ), дар қабатҳои гуногун (то чуқурии 40 см) ҷойгиршавии қабатҳои хок нигоҳ дошта мешавад. Роҳи дуюми коркард афзалтар аст, чунки шароитҳои аввалаи ҳаёти микроорганизмҳо ва дигар мавҷудоти зиндаи хок нигоҳ дошта мешавад.

КИШТГАРДОН

Ин дар як қитъаи замин бо навбат коштани зироатҳо (мавсим ба мавсим). Ҷойивазкунӣ – ин ивази мунтазами зироат дар як қитъа мебошад. Агар дар давоми солҳои зиёд паиҳам дар як қитъаи замин як зироати муайянро кишт кунанд, он гоҳ ин киштҳоро доимӣ ва такроршаванда меноманд. Замини дамдодашуда ва қитъаҳои он-ин қитъаи киштгардон, ки дар тамоми давраи афзоиш дар он кишт карда намешавад ва он дар ҳолати нарм ва тоза аз алафҳои бегона нигоҳ дошта мешавад.

Вазифаҳои асосии киштгардон инҳо мебошанд: баланд бардоштани ҳосилхезии хок ва истифодаи дурусти моддаҳои ғизоӣ; афзун гардонидани ҳосилнокӣ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти зироатпарварӣ; кам кардани алафҳои бегонаи майдонҳо, зарар дидани растаниҳо аз касалиҳо ва зараррасонҳо; кам кардани таъсири манфии эрозияи шамолӣ ва обӣ.

<u>Нурии сабз</u> – сидератсия. Ин усули агротехникии ҷуфт кардани (чаппагардон) растаниҳои сабзидашуда барои беҳтар кардани ҳосилхезии хок буда, барои гузаронидан дар хокҳои камҳосил ва сангдор тавсия дода мешавад. Дар хокҳои камҳосили регдор низ самараи хуб медиҳад. Бо ин мақсад ба майдон растаниҳои лӯбиёгӣ кишт карда, баъдан онро дар ҳолати сабз будан ҷуфт мекунанд

Нурии сабз намкашӣ ва обгузаронии баланд мекунад, таркиби хокро беҳтар мекунад, онро аз моддаҳои органикӣ бой мегардонад, инчунин фаъолияти ҳаётии микроорганизмҳои хокиро беҳтар месозад.

УСУЛҲОИ ХИМИЯВИИ БАЛАНДБАРДОРИИ ҲОСИЛХЕЗИИ ХОК

Ҳосилхезии хок – ин хусусияти хок буда, талаботи растаниро ба ғизо таъмин менамояд ва барои афзоиши муносиб зарур мебошад.

Элементҳои ғизои растаниҳо дар хок дар намуди пайвастагиҳои органикӣ ва маъданӣ ҷойгир мебошанд. Пайвастагии органикиии нисбатан арзишманд – гумус мебошад.

<u>Фосфор.</u> Ҷариб дар тамоми намудҳои хок растанӣ нарасидани ин элементро ҳис мекунад. Фосфор ба хунукӣ ва хушкӣ тобовар будани растаниҳоро афзун менамояд. Нарасидани фосфор ба сустшавии афзоиши растанӣ, ба дер мондани гузариши марҳилаҳои фенологӣ, суст афзоиш ёфтани решаҳо ва ба сабзи торик ва сурхчатоб шудани барги растаниҳо оварда мерасонад.

Калий. Тирахокии аксари минтақаҳои Тоҷикистон бо нисбатан зиёд мавҷуд будани калий фарқ карда мешавад, бинобар ин онро камтар истифода мебаранд. Регхокҳо нисбат ба гилхокҳо калийро нисбатан кам доро мебошанд, бинобар ин дохил кардани нуриҳои калийдор дар чунин хокҳо ҳатмӣ мебошад. Калий фаъолияти ферментҳоро, ки ғуншавии карбогидратҳо ва сафедаҳоро дар растаниҳо таъмин мекунанд, беҳтар менамояд. Ҳангоми нарасидани калий аввал нӯги баргҳо зард ва баъдан гирд ва байни рагҳои онҳо зард мегардад.

Растаниҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ дар шароитҳои мухталифи хоку иқлим аз хокҳои бо ҳосили мукдори гуногуни элементҳои ғизоӣ вобастаанд, ки таъмини он кафолати ба даст овардани ҳосили баланд ба шумор меравад.

Ҷадвали 1. Миқдори тахминии ҳосил кардани элементҳо аз хокҳои бо ҳосил гирифташуда

№	Зироат	Намуди маҳсулот	Гузоштан дар 1 т ҳосил, кг		
			N	P_2O_5	K_2O
1	Гандуми зимистона	Ғалла	35	10	24
2	Ҷуворимакка	« »	24	7,0	33
3	Ҷав	« »	26	10	26
4	Нахӯд	« »	-	16	20
5	Юнучқа	Алаф	20	6,5	15
6	ЗаҒир	Тухмӣ	100	53	93
7	Картошка	Бехмева	5,0	1,5	7,0
8	Лаблабуи қанд	Решамева	6,0	1,8	8,0
9	Карам	Сар	25	1,0	3,0
10	Бодиринг	Мева	1,7	1,5	3,0
11	Пиёз	Беҳҳо	3,0	1,5	5,0
12	Помидорҳо	Мева	3,0	1,0	4,0
13	Сабзӣ	Решамева	2,5	1,0	4,0
14	Офтобпараст	Тухмӣ	60	26	186
15	Ангур ҳангоми ҳосилнокии 15т/га	Буттамева	69	37	92

НУРИҲОИ НИТРОГЕНӢ. Онҳо дар об хубҳалшаванда ва метавонанд аз хок ба осонӣ шуста шаванд. Бинобар ин онҳо бояд барои ғизодиҳии растаниҳо истифода бурда шаванд.

Аз нуриҳои азотӣ нитрати аммоний, сулфури аммоний ва мочевина нисбатан паҳншудатарин мебошанд.

Нитрати аммоний - 34,7% нитрогенро доро мебошад, дар шакли ғурӯша бароварда мешавад.

Сулфати аммоний – намаки кристалии хурд, ки 20-21% нитроген дорад. Дар шакли ғурӯша бароварда мешавад.

Мочевина (Карбамид) – аз нуриҳои нитрогенӣ аз ҳама зиёд консентратсияшаванда мебошад. Он 46% нитроген дорад.

НУРИҲОИ ФОСФОРӢ. Дар шароитҳои мо бо мақсади беҳтар кардани ғизои растаниҳо суперфосфати оддӣ ва дукаратаро истифода бурдан беҳтар аст.

Хокаи фосфорит, Препиитат, фосфати бе фтор ва хокаи устухонро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ нест, чунки онҳо ишқорнокии хокро баланд мекунанд.

Суперфосфати оддӣ дар намуди хокаи хокистарӣ ва ғурӯша бароварда мешавад. Суперфосфати хокаранг на кам аз 19% моддаи асосӣ ва суперфосфати ғурӯшагин 19,5-20,5% моддаи асосиро доро мебошад. Суперфосфати ғурӯшагини дукарата 45-50% фосфор дорад. Суперфосфатро ба сифати нурии асосӣ ҳангоми кишт ва ғизодиҳӣ истифода мебаранд.

НУРИҲОИ КАЛИЙДОР. Дар нуриҳои калийдор заҒир, картошка, офтобпараст, решамевагиҳо, сабзавотҳо ва аз мевагиҳо-зардолу наҒз афзоиш меёбанд. Нуриҳои калийдор хлордор ва сулфитдор мешаванд. Хлор ба растанӣ на фақат нолозим, балки зараровар ҳам ҳаст. Бинобар ин сулфати калийро даровардан беҳтар аст, лекин дар фурӯш кам аст.

Хлорид калий - 50-60%. K_2O

НУРИҲОИ МУРАККАБ ВА ОМЕХТА

Аммофос 10-12% нитроген ва 46-50% фосфор дорад. т 10-12% азота и 46 -50 % фосфора.

Нитрофоска дар таркибаш се элементи ғизонок дорад (NPK). Онҳо -16% нитроген, 16% фосфор ва 16% калий доранд. Ҳангоми ҳисоби меъёри нурӣ, дар асоси моддаи таъсиркунанда, ба фермерон истифодаи ҷадвали 2 «Ҳисоби меъёри нурӣ дар асоси моддаи таъсиркунанда»-ро пешниҳод менамоем:

Меъёри моддаи таъсиркунанда дар нурӣ,%	**Меъёри нурӣ дар моддаи таъсиркунанда, кг барои 1 га**											
	20	30	40	50	60	70	80	90	100	120	180	200
15	133	200	267	333	400	467	533	600	667	800	1120	1334
16	125	187	250	312	375	437	500	562	625	750	1125	1250
17	118	176	235	294	353	412	471	529	588	706	1059	1176

18	111	167	223	278	333	389	444	500	556	667	1000	1112
19	105	157	210	263	316	368	421	474	526	631	947	1052
20	100	150	200	250	300	350	400	450	500	600	900	1000
22	91	136	182	227	273	318	364	405	454	545	818	908
24	83	125	167	208	250	292	333	375	417	501	750	834
26	77	115	154	192	231	269	308	346	385	461	692	769
28	71	107	143	179	214	250	286	321	357	428	643	714
30	68	100	133	166	200	233	267	300	333	400	600	667
32	64	94	125	156	188	219	250	281	312	375	562	624
34	59	88	118	147	176	206	235	265	294	353	529	588
36	56	83	111	139	167	194	222	250	278	233	500	556
38	53	79	105	132	158	184	210	237	263	316	474	526
40	50	75	100	125	150	175	200	225	250	300	450	500
45	44	67	89	111	133	156	178	200	222	267	400	444
50	40	60	80	100	120	140	160	180	200	240	360	400
55	36	55	73	91	108	127	147	164	182	218	327	354
60	33	50	67	83	100	117	133	150	167	200	300	334

Меъёри нурии дар моддаи таъсиркунанда тавсиядодашударо ба 100 зарб зада ба фоизи моддаи таъсиркунанда тақсим намудан лозим аст. Масалан: дар 1 га, даровардани 100 кг фосфор дар моддаи таъсиркунанда (P2O5) тавсия дода мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани суперфосфати оддӣ бо миқдори 20% P2O5 меъёри он 100х100:20=500кг/га-ро ташкил медиҳад.

Ҳангоми истифодаи нуриҳои химиявӣ аз ҳама муҳимаш меъёр ва мӯҳлати даровардани онро риоя кардан лозим аст. Ҳамчунин хотиррасон бояд шуд, ки аз аз меъёр зиёд шудани нуриҳои нитрогенӣ сифати маҳсулот паст ва ҳатто миқдори ҳосил кам мегардад.

Чӣ қадаре, ки мо нуриҳои кимиёвиро кам истифода бурда, ба ҷои онҳо нуриҳои органикиро истифрода намоем, ҳамон қадар таркиби хок, миқдор ва сифати ҳосил беҳтар мегардад.

ИСТИФОДАИ НУРИҲОИ ОРГАНИКӢ БАРОИ БАЛАНДБАРДОРИИ ҲОСИЛХЕЗИИ ХОК

НУРИҲОИ ОРГАНИКӢ – моддаҳои аз растаниҳо ва ҳайвонот ҳосилшуда, ки ба хок барои беҳтар шудани ҳосилнокии он дароварда мешавад. Онҳо хокро бо ҳамаи элементҳо ва микроорганизмҳои барои ғизои растанӣ зарурӣ бой мегардонанд, хосиятҳои обӣ ва гармии хокро беҳтар месозанд. Нуриҳои органикӣ инчунин ҳамчун манбаи карбогидратҳо хизмат менамоянд, ки дар ҷараёни табдилшавии онҳо ба вуҷуд меояд. Ба онҳо асосан пору, поруи чалчик, саргини парранда, пӯсидаҳо ва компост дохил мешавад.

Порухок (гумус) – ин маҷмӯи мураккаби моддаҳои органикии хок, ки дар натиҷаи пӯсидани бақияи растаниҳо ва ҳайвонот ба вуҷуд меояд. Ҳангоми маъданикунонии моддаҳои органикӣ озодшавии элементҳои ғизоҳои маъдание, ки растаниҳо истифода мебаранд, ба миён меояд.

Дар хокҳои сусткорамшаванда гумус ба андозаи на зиёда аз 2% ва дар хокҳои сахткорамшаванда зиёда аз 4% мавҷуд мебошад. Элементҳои муҳимтарини ғизои хокии растаниҳо – нитроген (азот), фосфор ва калий (NPK) мебошанд.

Пору – аз нуриҳои органикӣ аз ҳама асосӣ ва фоиданок мебошад, ки дар таркибаш ҳамаи элементҳои ғизоӣ, аз ҷумла микроэлементҳоро доро мебошад.

Поруи пӯсида – хокаи мулоими якхела мебошад, ки на зиёда аз 25% аз поруи аввала таркиб меёбад. Поруро то давраи пӯсидан ё пӯсидашуда расонидан мумкин нест, чунки ҳангоми пӯсиши дуру дароз таркиби нитроген ва моддаи органикӣ 2-3 маротиба кам мегардад. Поруи тарро ба замин даровардан мумкин нест, чунки дар таркиби он тухми алафҳои бегона ва барангезандаҳои касалиҳои гуногун мавҷуд аст. Дар хокҳои камҳосил то 40тн/га поруро даровардан лозим аст. Пору аз ҳама беҳтар дар ҳолат гармӣ ва намӣ нигоҳ медорад.

Поруи чалчик – поруи чалчикро дар баҳор ва тобистон бевосита ба хок пеш аз кишт ё дар вақти ғизодиҳӣ медароранд. Меъёри даровардани поруи чалчик дар 1 га 20-30 тн-ро ташкил медиҳад.

Саргини парранда – нурии органикии омехта ва зудтаъсиркунанда мебошад. Онро бештар барои ғизодиҳии растаниҳо дар давраи тобистон дар ҳолати моеъ истифода мебаранд. Дар зарф аз се як ҳисса саргини парранда андохта, то болои он обро пур карда, онро бо чӯб омехта мекунанд. Маҳлули тайёршударо 1-2 рӯз нигоҳ дошта, дар ин давра онро якчанд маротиба аралаш карда, пеш аз истифодабари 3-4 маротиба зиёд об ҳамроҳ намудан лозим аст. Поруи мурғ нисбат ба дигар поруҳо миқдори зиёди моддаҳои ғизоиро доро мебошад. Бинобар ин онро дар 1 м^2 то 1,5-2 кг. (15-20 т/га) медароранд.

ТАВСИЯҲО ОИДИ ТАЙЁР КАРДАНИ КОМПОСТҲО ВА ИСТИФОДАИ ОНҲО ҲАМЧУН НУРИИ ОРГАНИКӢ

КОМПОСТ – ин моддаҳои органикии нағз пӯсидашуда, ки аз растанӣ ва ҳайвонот ба вуҷуд меояд. Барои тайёр намудани онҳо партовҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст: алафҳои хишова, баргу пояҳои сабзавотҳо ва картошка, хокистар, озуқаи вайроншуда, аррамайда, лойқаи ҷӯйборҳо, партовҳои хонагӣ ва партофҳои органикии саноатӣ ва ғ. Ҳангоми тайёр кардани компостҳо инро донистан зарур аст: Аввалан ҷои муносибро интихоб кардан лозим аст. Ҷои интихобшуда бояд ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ мувофиқат кунад. Барои ин мақсад кунҷи ҳавлӣ ё боғ нисбатан рост меояд. Дар он ҷо ду чуқурии якхеларо бо

андозаи дилхоҳ кофтан лозим аст, масалан 1,5 м^3. Дар як чуқурӣ партовҳои ҷамъовардашуда мепӯсанд ва дигари он мунтазам бо компостҳои тайёршуда пур мешавад.

Чуқурӣ бояд қабат ба қабат бо ғафсии 30-35 см то омада расидан ба 1,5 м пур шавад. Қабати якумро 10-15 см бо поруии тар пур кардан беҳтар аст. Ин ба микроорганизмҳои хок ва пору имкон медиҳад, ки ба қабати болоии тӯда дароянд ва ҷараёни пӯсишро тезонанд. Ҳар як қабати маводи компостшударо бо поруи чалчики обҳамроҳкардашуда тар кардан лозим аст. Тобистон дар ҳавои гарм ва хушк тӯдаи компостро об додан зарур аст, аммо ба рутубати (намии) аз ҳад зиёд роҳ додан мумкин нест. Қабати аз ҳама болоӣ бояд аз маводи растанигӣ (алаф, барг, поя ва ғ) иборат бошад, дар ин ҳолат маводи компостшуда аз таъсири шамол ва дохил шудани нури офтоб ҳифз карда мешавад. Атрофи чуқуриҳо бояд аз замин баланд бошад, то ин ки аз дохилшавии оби борон ҳифз гардад. Пухта расидани компост тез мешавад ва он бояд дар ҳама қисмҳо баробар бошад, агар тӯдаро дар тобистон 2-3 маротиба бо бел рӯйгардон карда шавад. Компост ҳамон вақт тайёр мешавад, ки қисми зиёди он якхела шавад, ранги торик гирад ва хуб пош хурад.

НИТРОГЕН дар нуриҳои маъданӣ ва органикии ба хок рехташуда, инчунин дар гумус, боқимондаҳои растаниҳои нобудшуда ва дар бактерияҳои лӯндашакли растаниҳои лубиёгӣ мавҷуд мебошад. Ба ғайр аз ин, тақрибан то 90 кг/га нитроген ба хок аз боришоти атмосферӣ меафтад. Нитроген афзоиши растаниро метезонад. Ҳангоми нарасидани он растанӣ зард мешавад, баъзе растаниҳо сурх мешаванд, аз панҷазанӣ боз мемонанд, пояҳояшон кӯтоҳ ва борик мегарданд.

Адабиёти истифодашуда:

- Агрохимия. Академик Д.Н. Прянишников, 1940г
- Маводҳо аз интернет ва натиҷаи корҳои олимони Институти хокшиносии Тоҷикистон

***

Барои ба даст овардани иттилооти иловагӣ, лутфан ба мутахасисони
Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда» мурочиат намоед:
Садриддин Музаффаров, Мутахассис оид ба хизматрасонии машваратии кишоварзӣ: + 992 93 350 33 43; smuzaffarov@tawa.tj
Фарҳод Солиев, Мутахассис оид ба омӯзиш: + 992 93 5550282; fsoliev@tawa.tj
Отабеков М.А.,Сарагрономи ЖСК «Нексигол»: +992 92 7730210

ANNEX E.4 Sanitary and Hygiene Requirements for Milking Dairy Cattle

FEED THE FUTURE
ТАШАББУСИ ҲУКУМАТИ ИМА ОИД БА БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ГУРУСНАГӢ

Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда»

Маводи таксимотӣ

Моҳи марти 2016

БЕҲДОШТИ ГОВ: БЕҲДОШТИ ШИРДӮШӢ

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Маводи мазкур бо кӯмаки ташаббуси Ҳукумати ИМА “Озуқаворӣ ба хотири оянда” эҷод шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID), мувофиқи муқаррароти Шартномаи No. AID-176-C-15-00004 расонида мешавад. Мазмун ва мундарҷаи ин эҷод маҳсули муаллифон буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

БЕҲДОШТИ ГОВ: БЕҲДОШТИ ШИРДӮШӢ

Ширдӯшии гов – дар фермаҳои чорводорӣ ва хонавода, яке аз равандҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ширдӯши бояд ҳамарӯза дар як вақту соат бо риояи реҷа гузаронида шавад. Иваз намудани реҷаи ширдӯшӣ метавонад гови чӯшоиро ба хурӯҷ (стресс) орад, ки ин ба натиҷаи бади ширдӯшӣ оварда мерасонад.

Пеш аз ширдӯшӣ тариқи дастӣ ё мошин - чорво, асбобу анҷом ва таҷҳизот бояд ҳатман коркарди санитарӣ-гигиенӣ карда шаванд. Беҳдошти (гигиена) дӯшидани гов сараввал аз тоза намудани оғил оғоз меёбад.

Риоя намудани қоидаҳои санитарӣ ва дастурҳои беҳдошт (гигиена) ин яке аз усулҳои бехтарини мубориза бар зидди дарди пистон (мастит) ва дигар касалиҳои узвҳо ва ғадудҳои ширдеҳ мебошад, ки барои гирифтани шири баландсифат мусоидат менамояд.

Чӣ қадаре, ки тозагӣ дар оғилхона риоя карда шавад, коҳи таги чорво иваз карда шавад, ҳамон кадар пистони гов тоза нигоҳ дошта мешавад.

Бо вуҷуди ин, пеш аз дӯшидани гов пистони онро ҳатман тоза кардан зарур аст. Ифлосиҳои калонро бо чутка тоза намуда, пистонро бо оби гарми ҳарорташ 40-50 дараҷа шустан лозим аст. Ҳарорати об дар вақти шустан бояд пасту баланд нашавад, ки ин метавонад ба ширдиҳӣ таъсири манфӣ расонад. Пистони тоза шусташударо ҳатман бо сачок хушк карда якҷоя бо ин

амал пистонро маҳс кардан баманфиат хоҳад буд. Тоза намудани пистон на бояд аз 1 дақиқа зиёд давом диҳад.

Шири аввалинро дӯшида ба зарфи алоҳидаи махсус ҷой намудан зарур аст. Ширро ба рӯи замини оғилхона дӯшидан мумкин нест. Агар гов ба касалии дарди пистон (мастит) гирифтор бошад, он метавонад ба говҳои дигар гузарад.

Баъди дӯшидан, пистони говро бо сачок тоза намуда, бар зидди касалии дарди пистон (мастит) бо маҳлули йод коркард намудан лозим аст. Бар зидди хушкшавии пӯст ва пешгирии кафидани пӯст, пистонро бо доруи хиносепт ё ин ки вазалин коркард кардан лозим аст.

Тоза намудани таҷҳизоти ширдӯшӣ дар якчанд марҳила гузаронида мешавад. Дар аввал аз таҷҳизот боқимондаҳои ширро бо оби ширгарм шустан лозим аст. Баъдан, онро ҳаматарафа бо собун шустан лозим аст. Қисмҳои дарунии таҷҳизотро бо маҳлули химиявӣ дезинфексия карда, бо оби гарм барои тамоман нест шудани маҳлули химиявӣ шустан зарур аст.

Дар давраи тобистон, беҳдошти (гигиена) гов диққати махсусро талаб менамояд, зеро ҳавои пурчангу ғубор пистони говро тез ифлос намуда, хавфи сар задани касалиҳои сироятиро (инфексионӣ) баланд менамояд.

Муоинаи саривақтии чорво имконият медиҳад, ки чорвои касалро дар вақташ муайян намуда, онро табобат намоянд. Ба ғайр аз ин, дар вақти риояи усулҳои беҳдошт мумкин аст, ки миқдори касалиҳоро паст гардонида, сифату фоидаи ширро баланд бардоранд.

Шарти асосии пешгирии дарди сина (мастит) – ин риояи қатъии қоидаҳои санитарӣ ва беҳдошт дар вақти хӯронидан ва нигоҳубини чорво мебошад. Барои пешгирӣ аз ин касал нигоҳубини дурусти пистон, коркарди дақиқи санитарии таҷҳизот, асбоби ширдӯшӣ, риояи беҳдошти соҳиби чорво, нигоҳубини оғилхона ва дар мадди аввал тозагии фарши оғилхона аҳамияти калон дорад.

Бо мақсади тадбирҳои пешгирӣ аз беморихои сирояткунанда, говҳоеро, ки ба касалии дарди сина дучор шудаанд ё захм, газак ва варами сина доранд, тариқи мошин дӯшидан манъ аст. Говҳое, ки синаи овезон доранд ё чорвое, ки нав таваллуд кардааст, ҳамчунин тариқи мошин дӯшидан мумкин нест.

Коргарони фермаҳои ширӣ пеш аз ба кор шурӯъ кардан, бояд ҳатман маросими санитариро гузаранд. Коркуноне, ки бевосита бо ширдӯшӣ машғуланд, бояд якчанд либоси корӣ дошта бошанд: а) барои нигоҳубини чорво; б) барои ширдӯшӣ. Онҳо бояд дастҳояшонро то ширдӯшӣ ва баъди он тоза шуста, хушконанд. Илова бар ин, барои дастони говдӯшон маҳс, ванначаҳои ширгарм ва коркард бо кремҳои ғизонок аз манфиат дур нест.

***

Барои ба даст овардани иттилооти иловагӣ, лутфан ба мутахасисони
Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда» мурочиат намоед:
Азам Салимов, Мутахассис оид ба коркарди шир: + 992 93 1103343; asalimov@tawa.tj
Гулямқодир Сафаралиев, Мутахассис оид ба коркарди шир:
Фарҳод Солиев, Мутахассис оид ба омӯзиш: + 992 93 5550282; fsoliev@tawa.tj

ANNEX E.5 Best Practices for Soil Testing

FEED THE FUTURE
ТАШАББУСИ ХУКУМАТИ ИМА ОИД БА БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ГУРУСНАГӢ

Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда»

ДАСТУРАМАЛ
оиди гузаронидани таҳлили хок

Маводи мазкур бо кӯмаки ташаббуси Ҳукумати ИМА “Озуқаворӣ ба хотири оянда” таҳия шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID), мувофиқи муқаррароти Шартномаи No. AID-176-C-15-00004 расонида мешавад. Мазмун ва мундаричаи ин эҷод маҳсули муаллифон буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Дастурамал оиди гузаронидани таҳлили хок. Хуҷанд, 2016.

Дастурамали мазкур барои паҳнкунандагони потенсиалӣ, ки дар раванди кори худ метавонанд гузаронидани таҳлили хокро ба деҳқонон/истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод намоянд, пешбинӣ шудааст. Паҳнкунандагони потенсиалӣ таъминкунандагон/фурӯшандагони воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ (соҳибкорон, кормандони мағозаҳои кишоварзӣ), агрономон-мушовирон, кормандони идораҳои кишоварзиву ҷамоатҳо ва дигар тарафҳои ҳавасманд шуда метавонанд.

Дар дастурамал маълумот оиди қадам ба қадам иҷро намудани таҳлили хок: чӣ тавр ва аз кадом қисми замин бояд намунаи хок гирифта шавад, тайёр намудани намуна барои таҳлил, гузаронидани таҳлили хок тавассути усулҳои оддии муосир ва шарҳи натиҷаҳои таҳлил оварда шудааст.

Дастурамал бо дастгирии молиявии Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси “Озуқаворӣ ба хотири оянда” таҳия карда шудааст.

Дастурамалро мушовирони ТҶ “Нексигол Мушовир” тайёр кардаанд.

© Ташкилоти Ҷамъиятии “Нексигол Мушовир”

Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 735700, кӯч. Барака Бобоева 2
+992 3422 63608, mushovir@neksigol.tj
www.neksigol.tj, www.agroinform.tj

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 48

МОДДАҲОИ ҒИЗОДИҲАНДАИ ХОК ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИНКИШОФИ ЗИРОАТҲО 49

Моддаҳои органикӣ 49

Азот 49

Фосфор 50

Калий 50

Турши хок pH 50

АҲАМИЯТИ ТАҲЛИЛИ ХОК БАРОИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲҚОН 51

УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАҲЛИЛИ ХОК 53

ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ НАМУНАИ ХОК 54

Аҳамияти риоя намудани қоидаҳои ҷамъоварии намунаи хок 54

Асбобҳои лозима барои ҷамъоварӣ ва тайёр намудани намунаи хок 55

Чуқурии ҷамъоварии намунаи хок 55

Вақти ҷамъоварии намунаи хок 55

Чӣ тавр намунаи хок бояд ҷамъоварӣ шавад? 56

Тайёр намудан ва нигоҳдории намунаи хок 57

Ҷамъоварии маълумот оиди истифодабарии замин аз деҳқон 57

Ҷамъоварии намунаи хок дар гармхонаҳо 58

ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲЛИЛИ НАМУНАИ ХОК 59

Муайян намудани сатҳи турши хок pH 59

Маҳлул барои муайян намудани моддаҳои ғизодиҳанда 60

Муайян намудани сатҳи Азот (N) 60

Муайян намудани сатҳи Фосфор (P) 61

Муайян намудани сатҳи Калий (K) 61

ШАРҲИ НАТИҶАҲОИ ТАҲЛИЛ 62

Ҳисоби миқдори моддаҳои ғизодиҳанда дар [кг/га] 63

Варақаи ҳисоби натиҷаҳои таҳлили хок 64

ТАВСИЯҲО ОИДИ ИДОРАКУНИИ ХОК 66

Мўътадил гардонидани сатҳи pH-и хок.....66
Тавсияҳо оиди дохил намудани нуриҳои минералӣ 67
Тавсияҳо оиди баланд бардоштани моддаҳои ғизодиҳанда 67
ҲАМКОРӢ БО ПАҲНКУНАНДАГОНИ ПОТЕНСИАЛӢ.....70
ФЕҲРИСТИ ИСТИЛОҲОТ.....70
МАНБАЪҲОИ ИСТИФОДАШУДА.....71

МУҚАДДИМА

Таҳлили хок барои нигоҳ дошта тавонистани хоки солим ва ҳосилхез қадами аввалин мебошад. Барои самаранок ба нақша гирифтани тадбирҳое, ки ба хок таъсир мерасонанд (истифодаи нуриҳои минералӣ, оҳакпошӣ ва ғ.), пеш аз ҳама муайян намудани нишондиҳандаҳои хок бисёр муҳим аст.

Лоиҳа оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси “Озуқаворӣ ба хотири оянда” амалӣ шуда, гузаронидани омӯзиши мазкурро оиди усулҳои оддии муосири таҳлили хок барои таъминкунандагон/фурӯшандагони воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ (соҳибкорон, кормандони мағозаҳои кишоварзӣ), агрономон-мушовирон, кормандони идораҳои кишоварзиву ҷамоатҳо ва дигар тарафҳои ҳавасманд дастгирӣ менамояд. Дар назар аст, ки иштирокчиён баъди омӯзиш гузаронидани таҳлили хокро ба деҳқонон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод намуда, барои паҳн шудани гузаронидани таҳлили хок мусоидат менамоянд.

Омӯзишҳо дар 12 ноҳияи мақсадноки вилояти Хатлон - Бохтар, Ҷомӣ, Ҷиликул, Хуросон, Носири Хисрав, Қубодиён, Қумсангир, Ҷ. Румӣ, Сарбанд, Шаҳритус, Вахш ва Ёвон гузаронида мешаванд.

Омӯзишҳо аз тарафи мушовирони Ташкилоти Ҷамъиятии “Нексигол Мушовир” гузаронида мешаванд. Мақсади омӯзиш мустаҳкамнамоии донишу малакаи иштирокчиён дар самтҳои зерин мебошад:

- истифодаи усулҳои оддии муосири таҳлили хок;
- қоидаҳои гирифтан ва тайёр намудани намунаи хок барои таҳлил;
- шарҳи натиҷаҳои таҳлил ва пешниҳоди тавсияҳо барои нигоҳдории хоки солим ва ҳосилхез.

Омӯзиш аз лексияҳо, муҳокимаҳо бо иштирокчиён ва инчунин аз машқҳои амалӣ барои гирифтани намунаи хок ва гузаронидани таҳлили он иборат аст.

Ҳадафи ин дастурамал ёрӣ расонидан ба иштирокчиён дар рафти омӯзиш дар самаранок омӯхтани усулҳои оддии муосири таҳлили хок ва баъди омӯзиш дар гузаронидани таҳлили хок мебошад.

МОДДАҲОИ ҒИЗОДИҲАНДАИ ХОК ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИНКИШОФИ ЗИРОАТҲО

Ҳосилхезии хок ин қобилияти хок дар қонеъ гардонидани талаботи растаниҳо ба моддаҳои ғизодиҳанда, намӣ ва ҳаво мебошад. Барои муайян кардани ҳосилхезии хок ба таркиби хок, турши хок ва муносибати хок ба об ва ҳаво аҳамият додан лозим аст.

Моддаҳои ғизодиҳандаи хок аз моддаҳои органикӣ (гумус), макроэлементҳо (азот N, фосфор P, калий K), мезоэлементҳо (калсий Ca, магний Mg, сулфур S ва ғ.) ва микроэлементҳо (оҳан Fe, бор B, синк Zn, мис Cu ва ғ.) иборат аст.

Моддаҳои органикӣ



Расми 1. Қабати гумусӣ (бо ранги сиёҳтоб нишон дода шудааст)

Моддаҳои органикӣ (гумус) аз боқимондаҳои растаниҳо, ҳайвонот, решаҳои пӯсида, микроорганизмҳо ва ҳамаи он, чизе ки ба хок дар намуди пору, зироатҳои ҳимоякунанда, мулча илова карда мешаванд, баъди пошхӯрии химиявӣ ва биологӣ иборат аст. Ин моддаҳо дорои маводи ғизодиҳанда барои рушди растаниҳо мебошанд, аз он ҷумла карбон, ки сарчашмаи асосии озуқаворӣ барои замин ва растаниҳо мебошад. Карбон микроорганизмҳо ва лойхуракҳоро ғизо медиҳад ва онҳоро фаъол намуда, сабаби зиёдшавии онҳо мешавад. Дар гумус 60%-70% карбони органикии хок мавҷуд аст.

Захира шудани моддаҳои органикӣ барои ташаккули қабати болоии хок ва инкишофи растаниҳо хело муҳим аст.

Баланд бардоштани миқдори моддаҳои органикӣ воридшавии об, ҷаббидани намӣ, сохтори хок, мавҷудияти маводи ғизоӣ, тобоварӣ ба хушкиро беҳтар менамояд. Баландбардории миқдори моддаҳои органикии хок, аз ҳама муҳим тадбире мебошад, ки деҳқон карда метавонад.

Хоке, ки моддаҳои органикиаш аз 2% кам мебошад, ба макро ва микроорганизмҳо, ки ҳосилникии растаниҳоро таъмин менамоянд, ғизоии кофӣ дода наметавонад.

Ҳар сол як маротиба ба хок илова намудани моддаҳои органикӣ хуб мебошад ва агар дар хок миқдори моддаҳои органикӣ аз 2% кам бошад, аз ин ҳам тезтар илова намудан тавсия карда мешавад. Ду роҳи беҳтарини баландбардории моддаҳои органикии хок - ин илова намудани поруи органикӣ, ба намуди компост ва парвариши зироатҳои ҳимоякунанда мебошад.

Азот

Азот (нитроген, N) дар фазои ҳавоии хок вуҷуд дорад, вале бештари растаниҳо ва микроорганизмҳо дар ин шакли газӣ онро истифода бурда наметавонанд, то он ба шакли ҳалшаванда нагузарад.

Растаниҳо асосан азотро дар шакли нитратҳо истифода мебаранд. Растаниҳо ба миқдори зиёди нитрати нитроген (NO_3) дар ҳамаи марҳилаи инкишофи худ эҳтиёҷ доранд. Азот қисмати муҳими сафедаи растаниҳо мебошад. Ҳамагуна норасоии азот ба вайроншавии ҷараёни дохилии растанӣ оварда мерасонад.

Агар азот нокифоя бошад, растаниҳо афзоиш намеёбанд ва қадпасту инкишофнаёфта мемонанд. Аз тарафи дигар, азоти аз ҳад зиёд растаниҳоро бисёр ғафс менамояд, ки ин барои пайдо шудани ҳашаротҳои маканда ба монанди ширинча, сафедболак ва ғ. ва касалиҳои инфексионӣ ба монанди гардзанӣ, пӯсиши реша, парша, фитофтороз ва ғ. оварда мерасонад. Азоти барзиёд таъми маҳсулотро коҳиш медиҳад ва мӯҳлати нигоҳдории маҳсулотро кам менамояд. Агар азот хеле зиёд бошад, гулҳо ва растаниҳои ба помидор монанд гул ва мевабандӣ карда наметавонанд.

Фосфор

Сатҳи фосфор (P) дар хок пас аз сатҳи моддаҳои органикӣ (гумус) муҳимтарин омил мебошад. Дар хокҳои ҳосилхез сатҳи гумус ва фосфор ҳамеша баланд аст.

Фосфор решаи растаниҳо, гул ва мевабандӣ, инчунин ширабандии онҳоро назорат ва фаъол мекунад. Сатҳи шира тобоварии растаниҳоро ба ҳашарот, беморӣ ва сардӣ ва сифати нигоҳ доштанро ба танзим медарорад. Фосфор ба шакли ҳалшаванда гузаштани азот, инкишофи зироатҳои лӯбиёгӣ, ташаккули тухмӣ дар ҳамаи зироатҳо, пухта расидан ва ғ. таъсир мерасонад.

Аз сабаби таъсири микроорганизмҳо сатҳи фосфор дар хок доим тағйир меёбад. Фосфор дар хок дар решаи растаниҳо дар гумус ҷойгир аст. Чӣ қадар сатҳи гумус баланд бошад, ҳамон қадар сатҳи фосфори дастрас ба растаниҳо зиёд аст. Дастрасии фосфор ба растаниҳо аз туршии хок pH низ вобастагӣ дорад, ки бояд дар ҳудуди 6,0 ва 6,5 бошад. Агар сатҳи pH аз ин ҳудуд берун бошад, хок ғизои иловагиро барои фосфор талаб менамояд, ҳарчанд таҳлили хок сатҳи фосфорро муносиб нишон диҳад ҳам.

Калий

Калий (K) барои тобоварии растаниҳо ба касалиҳо, решадавонӣ, фотосинтез, ташакуллёбии оҳор (крахмал) бисёр муҳим аст.

Аксарияти хокҳо дорои сатҳи баланди калий (K) мебошанд, вале дар шаклҳое, ки растаниҳо онҳоро ҷаббида гирифта наметавонанд. Мушкилоти асосӣ дар табдили калии дар хок буда (K) ба шакли барои ҷаббидани растаниҳо дастрас (K_2O) мебошад. Ин ҷараён дар хок хеле суст сурат мегирад ва он аз таркиби хок, миқдори моддаҳои органикӣ дар хок, фаъолнокии микроорганизмҳо, ҳарорати хок вобастагии зиёд дорад.

Туршии хок pH

pH-и хок нишондиҳандаи умумии тавозуни байни туршии хок ва калсий, калий, магний ва натрий мебошад. Бояд қайд кард, ки туршиии хок pH дар инкишофи растаниҳо ва фаъолияти микроорганизмҳо дар хок таъсири назаррас мерасонад.

Сатҳи pH доим тағир меёбад. pH ба 7,0 баробар – нейтралӣ мебошад, аз 7,0 паст – турш ва аз 7,0 баланд ишқорӣ ба ҳисоб меравад. Барои бисёрии растаниҳо ва ҳамаи микроорганизмҳои фоидаовар сатҳи беҳтарини pH 6,0-6,5 мебошад.



Расми 2. Туршии хок pH

Одатан, хокҳое, ки миқдори моддаҳои органикиашон кам аст, pH-и паст доранд. Хоке, ки pH-и аз 6,0 кам дорад, илова намудани моддаҳои ғизодиҳандаро барои баландбардории pH то сатҳи дилхоҳ талаб менамоянд. Дар ин ҳолат маъмулан калсий бисёртар истифода мешавад.

Баландшавии сатҳи моддаҳои органикӣ pH-и хокро дар як давраи муайян баланд менамояд ва оқибат хокро турш менамояд.

Одатан, дар хокҳои pH-ашон аз 7,0 баланд, яке аз намакҳо барзиёд аст. Паст намудани сатҳи захрнокии ин модда, сатҳи pH-ро паст менамояд. Дар ин ҳолат, одатан гипс, ва ё сулфурро истифода мебаранд, ё зироати ҷавариро кишт менамоянд ва ё туршак (шавел)-ро кишт намуда, ҳамчун нуриҳои сабз истифода мебаранд.

АҲАМИЯТИ ТАҲЛИЛИ ХОК БАРОИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲҚОН

Миқдори моддаҳои ғизодиҳанда дар хок тағирёбанда ва дигаргуншаванда мебошанд ва донистани ин миқдор омили муҳими ҳосилнокии замин аст. Таҳлили хок сатҳи моддаҳои ғизодиҳандаи хокро муайян менамояд.

Танҳо замини нигоҳубин шуда ва бо ғизоҳои лозима ва миқдори зарурӣ таъмин гардида ҳосили дилхоҳро ба марди деҳқон дода метавонад.

Ҳангоми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ нуриҳои минералиро истифода мебаранд. Истифодаи миқдори нокифояи нуриҳо ба инкишофи зироатҳо ёрӣ дода наметавонанд, истифодаи аз ҳад зиёд мувозинаи хокро вайрон мекунад ва ба муҳити зист зарар мерасонад. Масалан, зиёдатии азот ба ишқорӣ ва ифлос шудани обҳои зеризаминӣ ё ифлос шудани роҳҳои обӣ оварда мерасонад.

Дар ҳолати донистани миқдори моддаҳои зарурӣ дар таркиби хок метавон хароҷоти хариди нурии минералиро сарфа намуда, даромади зиёд ба даст овард. Инчунин, ҳангоми пайдо

кардани маълумот оид ба миқдори ин ё он моддаи ғизодиҳанда дар давраи нашъунамои зироати кишоварзӣ ҳар як ғизо мақсаднок ва бомеъёр истифода бурда мешавад.

Норасогии моддаҳои ғизоиро дар замин надониста, мо яке аз элементҳоро камтар аз ҳаҷми лозимӣ ворид менамоем, дигареро бошад, хеле зиёдтар. Дар натиҷа, растанӣ моддаҳои лозимиро гирифта наметавонад ва мо ҳосили паст мегирем. Дар натиҷаи озуқадиҳии барзиёди замин бошад, ба болои вайроншавии хок мо мева ва сабзавотҳоро бо бӯи ногувори нуриҳо мегирем, мардум баъд аз истеъмоли чунин мева ва сабзавотҳо бо заҳролудшавӣ дар бемористон бистарӣ мешаванд.

Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки агар ҳар як деҳқон таҳлили хоки замини худро гузаронад ва аз таркиби химиявии он бохабар бошад, метавонад ба иқтисодиёти оилаи худ фоида оварад ва аз ҳама муҳим замини худро аз деградатсияшавӣ эмин нигоҳ дорад.

Дар ҳар 3-5 сол гузаронидани таҳлили хок тавсия карда мешавад.

УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАҲЛИЛИ ХОК

Таҳлили хокро маъмулан дар лабораторияҳои махсус таҷҳизонидашуда мегузаронанд. Таҷҳизоти ин лабораторияҳо аз спектрофотометри атомӣ-абсорбсионӣ, спектрофотометри ултрабунафш, автоклав, электроди аммоний ва pH-mV – метр, сентрифуга ва монанди инҳо иборат аст.

Натиҷаи таҳлили хок дар чунин лабораторияҳо аз ҳама дақиқтарин ба ҳисоб рафта, маҷмӯи пурраи нишондиҳандаҳои хокро таҳлил намудан мумкин аст. Вале арзиши чунин лаборториҳо одатан бисёр қимат буда, барои кори онҳоро дуруст ба роҳ мондан мутахассисони ботаҷрибаи баландихтисос лозим ҳастанд.

Инчунин, таҳлили хокро бо истифодаи қуттиҳо бо реагентҳо низ гузаронидан мумкин аст. Таҳлили хок тавассути чунин қуттиҳо бо реагентҳо бо истофодаи реаксияҳои химиявии колорометрикӣ гузаронида мешавад. Мисоли чунин қуттиҳо бо реагентҳо қуттиҳои ширкати амрикоӣ ЛаМотте (LaMotte) ва ё ширкати олмонӣ Визоколор (VISOCOLOR®) шуда метавонанд.

Расми 3. Қуттӣ бо реагентҳои Ламотте

Расми 4. Қуттӣ бо реагентҳои Визоколор

Тавассути истифодаи қуттиҳо бо реагентҳо сатҳи макролементҳо, микроэлементҳо, туршии хок pH ва гумусро таҳлил намудан мумкин аст. Натиҷаи таҳлили хоки бо ин усул гузаронидашуда ба дарачаи кофӣ дақиқ ба шумор меравад. Вале барои дуруст истифода бурдани ин усул ҳам мутахассисони ботаҷрибаи баландихтисос лозим ҳастанд.

Одатан, реагентҳои чунин қуттиҳо барои гузаронидани таҳлили аз 50 то 100 намунаҳои хок кифоя мебошанд. Боиси қайд аст, ки агар реагентҳои барои таҳлил лозима тамом шаванд, онҳоро иловатан дар алоҳидагӣ харидорӣ намудан мумкин аст.

Яке аз усулҳои оддитарини муайян намудани моддаҳои ғизодиҳандаи хок – ин истифодаи таҷҳизотҳои саҳроии таҳлили хок мебошад. Масалан, таҷҳизоти саҳроии таҳлили хоки Моззер Ли (Mosser Lee Soil Test Kit). Нигаред ба расми 3.

Гузаронидани таҳлили хок тавассути таҷҳизотҳои саҳроӣ оддӣ, тез ва қулай мебошад. Агар намунаи хок гирифта шуда бошад, тавассути таҷҳизотҳои саҳроӣ таҳлили азот (N), фосфор (P) ва калийро (K) дар давоми панҷ дақиқа гузаронидан мумкин аст. Аз сабаби андозаи хурд доштани таҷҳизотҳои саҳроӣ (онҳоро лабораторияҳои киссагӣ ҳам меноманд), онҳоро ба осонӣ ба

киштзорҳои дурдастарин қишлоқҳо ҳам бурдан мумкин аст. Гузаронидани таҳлили хок бо таҷҳизотҳои саҳроӣ хеле арзон буда, барои истифодабарии деҳқонони хурд ҳам дастрас аст.

Расми 5. Таҷҳизоти саҳроии таҳлили хоки
Моззер Ли (Mosser Lee Soil Test Kit)

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳлили хоки бо таҷҳизоти саҳроӣ гузаронидашуда назар ба натиҷаҳои таҳлили лабораторӣ камтар мебошад, зеро ки онҳо ба рангҳои визуалӣ муоинашаванда асос меёбанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳлил аз тезии чашмони шахси таҳлилро гузаронида истода вобаста мебошанд. Инчунин, бисёрии таҷҳизотҳои саҳроӣ фақат сатҳи азот, фосфор, калий ва туршии хок pH-ро муайян карда метавонанду сатҳи дигар моддаҳои органикӣ, микроэлентҳо ва намакҳоро наметавонанд.

Бо воситаи як таҷҳизоти саҳроии таҳлили хоки Моссер Ли (Mosser Lee Soil Test Kit) таҳлили 10 намунаи хокро гузаронидан мумкин аст.

Ҳарчанд таҷҳизотҳои саҳроӣ лабораторияҳои таҳлили хокро иваз карда наметавонанд, вале дар ҷойҳое, ки чунин лабораторияҳо мавҷуд нестанд ва ё ба деҳқонон дастрас нестанд, онҳо барои бо тезӣ муайян намудани норасогии моддаҳои ғизодиҳандаи хок барои инкишофи зироатҳо хеле муфид мебошанд.

ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ НАМУНАИ ХОК

Аҳамияти риоя намудани қоидаҳои ҷамъоварии намунаи хок

Гузаронидани таҳлили хок аз чор марҳила иборат мебошад:

1) ҷамъоварии намунаи хок;
2) гузаронидани таҳлили намунаи хок;
3) шарҳи натиҷаҳои таҳлил;
4) пешниҳоди тавсияҳо барои нигоҳдории хоки солим ва ҳосилхез дар асоси банди (3).

Дуруст гузаронидани се марҳилаҳои аввал дуруст будани тавсияҳои пешниҳодшударо муайян менамояд. Омили муҳимтарине, ки ба натиҷаҳои таҳлили хок таъсир мерасонад, ин дуруст ҷамъоварии намунаи хок мебошад. Зеро ки агар дар ҷамъоварии намунаи хок хатогӣ роҳ дода шавад, ҳарчанд таҳлил бодиққат ва дақиқ гузаронида шавад ҳам,

натиҷаҳои таҳлил нодуруст мешаванд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳлили хок муфид мебошанд ё не аз дуруст ҷамъоварии намунаи хок ба андозаи хеле калон вобастагӣ дорад. Сифати намунаи хок аз бодиққат ва дақиқ иҷро намудани ҷамъоварии намунаи хок, нигоҳдории он ва тайёр намудани он барои таҳлил вобаста аст.

Асбобҳои лозима барои ҷамъоварӣ ва тайёр намудани намунаи хок

Барои гирифтани натиҷаҳои саҳеҳ истифодаи парма барои ҷамъоварии намунаи хок тавсия карда мешавад. Дар ҳолати парма набудан ақаллан белро истифода бурдан лозим аст. Намунаи хоки ҷамъовардашударо дар халтаи коғазин ва ё маводи коғази печонида, дар халтаи полиэтиленӣ то гузаронидани таҳлил нигоҳ доштан лозим аст. Истифодаи дигар асбобҳо барои ҷамъоварии намунаи хок тавсия карда намешавад, зеро ки онҳо ҷамъоварии миқдори якхелаи хокро барои ҳар як намуна таъмин карда наметавонанд.

Инак, асбобҳои лозима барои ҷамъоварӣ ва тайёр намудани намунаи хок инҳоанд:
1) парма;
2) бел;
3) халтаи коғазин (ва ё бо маводи коғази печонида, дар халтаи полиэтиленӣ гирифтан);
4) тӯри сӯрохиаш майда;
5) ӯғурча.

Ҳангоми гирифтани намунаи хок асбобҳои истифодашаванда бояд занг зада набошанд ва аз ҳаргуна ифлосиҳо/захрдоруҳо/нуриҳо тоза бошанд. Барои пешгирии ифлосшавии намунаи хок истифодаи тӯрҳои биринчӣ, мисӣ ва тунукаи руҳандуд тавсия карда намешавад.

Чуқурии ҷамъоварии намунаи хок

Чуқурии ҷамъоварии намунаи хок, аз кадом элементи химиявӣ таҳлил шуда истодааст, вобаста аст. Азот пурра дар об ҳал мешавад ва дар қабатҳои хок гузариш мекунад. Дар вақти хушкӣ, қисми зиёди нитрати аммоний дар қабатҳои болоии хок ҷамъ мешавад. Баъди борони зиёд, қисми зиёди нитрати аммоний ба чуқурии 45-60 см ва чуқуртар мегузарад. Барои ҳамин, барои таҳлили сатҳи нитрати аммоний ҷамъоварии намунаи хок дар чуқурии 0-60 см тавсия карда мешавад.

Бо назардошти он, ки фосфор ва калий дар об душвор ҳал мешаванд, қариб ки дар қабатҳои хок гузариш надоранд ва инчунин чуқурии шудгор дар бисёрии киштзорҳо 20-25 см ташкил медиҳанд, чуқурии ҷамъоварии намунаи хок барои таҳлили фосфор ва калий 0-20 см мебошад.

Чуқурии гирифтани намунаи хок инчунин аз зироати киштмешуда низ вобастагӣ дорад, масъалан: барои гузаронидани таҳлили хоки замини чарогоҳ, асосан аз чуқурии 10 см намунаи хок гирифта мешавад, барои заминҳои киштшавандаи корам аз чуқурии 15 см ва аз кишти буттагиҳо ва зироатҳои бисёрсола аз чуқурии 30 см намунаи хок барои таҳлил гирифта мешавад, чунки решаи онҳо дар чуқурии зиёдтар месабзанд.

Вақти ҷамъоварии намунаи хок

Барои муайян намудани сатҳи нитрати аммоний ҷамъоварии намунаи хок дар ҳарорати хок аз 10°C баланд набудан тавсия карда мешавад. Дар чунин ҳарорат ҷараёни минералонии хок бисёр суст мегузарад. Аз ин рӯ, дар ҳамин хел вақт ва инчунин дар баҳор пеш аз кишт сатҳи нитрати аммоний якхела мебошад.

Барои муайян намудани сатҳи дигар элементҳои химиявӣ намунаи хокро дар ҳама фасли сол ҷамъоварӣ намудан мумкин аст.

Асосан намунаи хокро барои гузаронидани таҳлили химиявӣ пеш аз даровардани ғизои навбатӣ гирифта мешавад, чунки баъд аз даровардани нурӣ миқдори элементҳои химиявии хок дигаргун шуда, натиҷаи дақиқ гирифтан номумкин аст. Гузаронидани таҳлили хоки заминҳои чарогоҳ асосан дар фасли баҳорон иҷро карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки баъди боришоти зиёд намунаи хок гирифта намешавад.

Намунаҳои хокро барои таҳлил дар як вақти сол гирифтан тавсия карда мешавад, масалан пеш аз тайёр кардани замин барои кишт ва ё пеш аз кишт. Ин барои муқоисаи натиҷаҳои таҳлил дар давоми якчанд сол имкон медиҳад.

Чӣ тавр намунаи хок бояд ҷамъоварӣ шавад?

Чӣ қадар ки зиёд аз қисмҳои гуногуни замин намунаҳои хок ҷамъоварӣ шаванд, ҳамин қадар сифати намунаи ҷамъбастӣ баланд мешавад. Эҳтимолияти гирифтани натиҷаҳои саҳеҳ бо ҳар як намунаи иловагӣ аз як майдон зиёд мешавад. Миқдори лозимаи намунаҳои ҷамъоваришаванда аз андозаи майдон кам вобастагӣ дорад. Барои босифат шудани намунаи ҷамъбастӣ ҷамъоварии на кам аз 25 намунаҳо аз як майдони ду-гектара тавсия карда мешавад.

Намунаҳо аз тамоми майдон ба шакли катак-катак ҷамъоварӣ карда мешаванд.

Барои босифат шудани намунаи ҷамъбастӣ дохил нашудани намунаҳо аз қитъаҳои гуногунтаркиби майдон муҳим аст. Муҳим аст, ки ба намунаи ҷамъбастӣ намунаҳо аз қитъаҳои нобаробар гуногунтаркиб, яъне аз қитъаҳое, ки бо заҳрдоруҳо ва нуриҳои гуногун коркард шудаанд, дохил нашаванд. Мисоли қитъаҳои гуногунтаркиб ҷӯякҳо, канорҳои майдон, кунҷи нишебӣ, чуқуриҳо, сатҳҳои бо таркиб ва ранг фарққунанда шуда метавонанд. Намунаҳо аз чунин қитъаҳо набояд ба намунаи ҷамъбастӣ дохил шаванд, агар онҳо майдони хеле калонро ташкил надиҳанд. Агар чунин қитъаҳо майдони калонро ташкил диҳанд, намунаҳои хокро аз ҳар як чунин қитъа дар алоҳида ҷамъоварӣ намудан тавсия карда мешавад.

Намунаи ҷамъбастӣ бо усули “кишти чоркунҷа” чунин ҷамъоварӣ карда мешавад:

1) Майдоне, ки хокаш бояд таҳлил шавад, тақрибан ба 10 қисмҳои баробар тақсим намоед.
2) Дар ҳар як чунин қисмҳо чуқурии хурд тақрибан 20 см кобед - белро ба замин 20-25 см дароред ва хокро якбора аз бел ба халта андозед. Ҳамаи намунаҳои аз як майдон гирифтамешуда бояд аз чуқурии якхела гирифта шаванд. Аз ҳар як чунин қисмҳо аз ду ҷояш намунаҳо гирифта метавонед.
3) Ҷое, ки намунаи хок гирифта шуд, ишора намоед.
4) Барои иваз нашудани намунаи хок, чуқурӣ, ҷойи гирифташуда баъди гирифтани намунаи хок, ба даруни халтачаи намунаи гирифташуда тамғачаи он бо нишондоди маҳалли намуна, чуқурии гирифташудаи хок, санаи гирифташуда андохта мешавад.

Диққат!

- Ҳангоми ҷамъоварии намунаи хок ҳаракат кунед, то ки ба он ҳар гуна ифлосиҳо дохил нашаванд.

- Кашидани сигор дар назди намунаи хок қатъиян манъ аст.
- Инчунин, халтаҳо ва зарфҳое, ки қаблан дар онҳо нуриҳо, захрдоруҳо ва дигар маводҳое, ки дар таркибашон азот, фосфор ва калий доранд, нигоҳ дошта шуда бошанд, онҳоро барои ҷамъоварӣ ва ё омехтани намунаҳои хок истифода бурда қатъиян манъ аст.

Тайёр намудан ва нигоҳдории намунаи хок

Бояд дар хотир дошт, ки нигоҳдории дуру дарози намунаи хок аз вақти ҷамъоварии он то гузаронидани таҳлил ба натиҷаҳои таҳлил таъсири манфӣ мерасонад.

